# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» барои дарёфти дараҷаи номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ**

Яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳар як давлат рушди технологияи муосири инноватсионии воситаҳои алоқа мебошад, ки бидуни он фаъолияти пурраи тамоми системаи иқтисодӣ ва ҳамгироии бомуваффақият ба иқтисоди ҷаҳонӣ, инчунин таъмини устувории иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ имконнопазир аст.

Маҳз инкишофи системаи алоқа ба дигаргуниҳои прогрессивӣ, афзоиши ҳосилнокии меҳнат, баланд шудани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ мусоидат мекунад ва инчунин боиси тараққиёти тамоми ҷамъият мегардад.

Диссертант мақсад, вазифаҳо ва доираи хронологии таҳқиқотро аниқ муайян намуда, тибқи маводи манбаъшиносӣ ва таърихнигорӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маводи амиқ бо таври комплексӣ фаъолияти низоми алоқа дар як вилоят нишон дода, солҳои 20 -30 – юми асри XX дар ноҳияҳои навтаъсиси вилояти Хатлон сарфи назар аз шароити сахти иқлимии кор, бо ёрии мутахассисони бисёре аз кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ дар як муддати кӯтоҳ ташкил намудани хатти алоқаи почта, телефон, телеграф ва радио, аҳамияти ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа возеҳу равшан баён намудааст.

Дар диссертатсия таснифоти илмии муфассали адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда оварда шудааст, ки аз актуалии ин мавзуъ шаҳодат медиҳад. Истифодаи дурусти усулҳои муқоисавӣ, муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлил ва ҷамъбасти усулҳо имконият фароҳам сохтааст, ки диссертант рисолаи худро дар асоси маводҳои боэътимод омода намудааст.

Хулосаи диссертант, ки ба баррасии паҳлуҳои мухталифи таҷрибаи андӯхташудаи рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон

(солҳои 1924-1991) имконият медиҳад, ки ин таҷрибаи ғанӣ дар оянда ба манфиати рушди соҳа истифода бурда шавад.

Диссертант Қурбонов М.М. мубрам будани мавзӯи мавриди таҳқиқро асоснок намуда, зикр менамояд, ки таҳқиқоти мазкур таърихи ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» як пажӯҳиши бо диди нав мебошад. Ин мавзуъ дар таърихнигории ватанӣ усулан камомӯхташуда мебошад. Муаллиф муҳим будани мавзуи мавриди таҳқиқро асоснок намуда, дараҷаи омӯзиши онро муайян сохта, ҳадаф ва вазифаи таҳқиқотро возеҳ баён намуда, инчунин ба андозаи зарурӣ навовариҳоро мушаххас намуда, аҳамияти назарӣ ва илмии рисоларо хуб нишон додааст.

Сохтори кор дар маҷмӯъ қобили қабул ба назар мерасад ва ба талаботи рисолаҳои номзадӣ мувофиқат менамояд. Рисола аз мукаддима, ду боб, чор зербоб, хулоса, феҳристи адабиёт ва сарчашмаҳои истифодашуда иборат буда, муаллиф дар он тамоми комёбиҳои ҷумҳуриро дар соҳаи рушди соҳаи алоқа нишон дода, хеле хуб ба риштаи таҳқиқу таҳлил кашидааст.

Автореферат моҳият ва мазмуни рисоларо пурра инъикос намуда, корҳои мунташиршуда нишондиҳандаи ҷанбаҳои аслии таҳқиқот ба ҳисоб мераванд.

Қобили қайд аст, ки омӯзиши рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлон ва хулоса таҷрибаи ташакккул ва рушди он мубрам буда, дорои аҳамияти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳамин тавр, автореферати Қурбонов Меҳрубон Мирзоевич дар мавзӯи «Ташаккул ва рушди воситаҳои алоқа дар вилояти Хатлони ҶШС Тоҷикистон (солҳои 1924 – 1991)» ба талабот ва меъёрҳои муайяншудаи марбут ба диссертасияҳои номзадии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон яъне «Низомнома дар бораи тартиби додани унвонҳои илмӣ» ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори

гирифтани дарачаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мебошад.

**Мудири кафедраи таърих ва диншиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**
**доктори илмҳои таърих, профессор Ҳомидзода Ф.М.**

Имзои мудири кафедраи таърих ва диншиносии
ДДҲБСТ доктори илмҳои таърих,
профессор Ҳомидзода Ф.М.- ро
тасдиқ мекунам:
Сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДДҲБСТ Мирпоччоев И.Х.

08.02.2023.

Нишонӣ: 735700, ш. Хуҷанд. микрорайони 17, х.1.
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ,
бизнес ва сиёсати Тоҷикистон
Тел.: +992342223811
Факс: +992342225170
E-mail: tsulp@rambler.ru .